**ПРОТОКОЛИ №23**

**ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-053 оид ба ҳимояи диссертатсия барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино»**

**аз 25.09 соли 2024** **ш.Душанбе**

**оғози ҷаласа: $13^{00}$**

**анҷоми ҷаласа: $14^{50}$**

**Иштирок доштанд:** Аз 15 нафар аъзоёни Шурои диссертатсионӣ иштирок доштанд 13 нафар, аз он ҷумла 3 нафар доктори илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси рисолаи баррасишаванда, аз онҳо 1 нафар тариқи маҷозӣ (on-line). Бо сабабҳои узурнок 2 нафар аъзои Шуро иштирок надоштанд.

25 сентябри соли 2024, соати $13^{00}$ дар толори Шурои олимони МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино», (734026, ш.Душанбе, кучаи Сино 29-31) ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-053 баргузор гардид.

**Рӯзнома**

Ҳимояи диссертатсияи унвонҷуйи МД «Маркази ҷумҳуриявии илмию клиникии педиатрӣ ва ҷарроҳии кӯдакона» Аминов Рустамҷон Сафарович дар мавзӯи: “Паҳншавӣ ва омилҳои таъсиррасонанда ба пайдоиши нуқсонҳои модарзодии минтақаҳои ҷоғу руй дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, аз рӯи ихтисоси 14.01.14 – Стоматология.

**Аз рӯйи ин масъала шунида шуд** раиси Шурои диссертатсионӣ, д.и.т., профессор Бабаев А.Б.

Диссертатсия дар МД «Маркази ҷумҳуриявии илмию клиникии педиатрӣ ва ҷарроҳии кӯдакона» иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** номзади илмҳои тиббӣ, дотсент, мудири кафедраи ҷарроҳии ҷоғу рӯй МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» Ҷонибекова Розия Наҷмиддиновна.

**Муқарризони расмӣ:**

**1. Муллоджонов Ғайратҷон Элмуродович** – доктори илмҳои тиббӣ, дотсент, ассистенти кафедраи стоматологияи муолиҷавии МДТ “Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон”.

**2. Одинаев Илҳом Исломиддинович** – номзади илмҳои тиббӣ, ҷарроҳ стоматологи КВД «Беморхонаи роҳи оҳани Тоҷикистон».

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи илмию клиникии стоматология ва ҷарроҳии ҷоғу рӯй» (ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон)

Котиби илмии Шуро Ҳасанов Ф.Ҷ. ҳуҷҷатҳои пешниҳодшудаи унвонҷуйро муаррифи намуд.

Аминов Р.С. мазмуни рисолаи номзадиашро пешниҳод намуд. Ба унвонҷӯ 14 савол дода шуд, аз ҷониби д.и.т., профессор Базаров Н.И., д.и.т. Бандаев И.С., н.и.т., дотсент Зарипов А.Р., д.и.т., профессор Бабаев А.Б., н.и.т., дотсент Юсупов З.Я. ва д.и.т., профессор Пулатова Б.Ж. Ба ҳамаи саволҳо унвонҷӯ ҷавобҳои мукаммал гардонид.

Суханронии роҳбари илмии унвонҷӯ номзади илмҳои тиббӣ, дотсент Ҷонибекова Розия Наҷмиддиновна шунида шуд.

Котибии илмии Шурои диссертатсионӣ хулосаи муассисае, ки рисола дар он ҷо ба анҷом расонида шудааст, матни пурраи тақризи муассисаи пешбар Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи илмию клиникии стоматология ва ҷарроҳии ҷоғу рӯй» Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҷумҳурии Тоҷикистон ва тақризҳое, ки ба автореферат дода шуда буданд, қироат намуд. Тамоми тақризҳо мусбӣ буда, эродҳо ва саволҳо нестанд.

**Муқарризони расмӣ: Муллоджонов Ғайратҷон Элмуродович** – доктори илмҳои тиббӣ, дотсент, ассистенти кафедраи стоматологияи муолиҷавии МДТ “Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва **Одинаев Илҳом Исломиддинович** – номзади илмҳои тиббӣ, ҷарроҳ стоматологи КВД «Беморхонаи роҳи оҳани Тоҷикистон» баромад намуданд. Аз ҷониби муқарризони расмӣ эродҳо ва саволҳо нестанд.

Дар муҳокимаи диссертатсия доктори илмҳои тиббӣ, дотсент Мирзоев Мансур Шамилович, номзади илмҳои тиббӣ, дотсент Юсупов Зариф

Якубҷонович, номзади илмҳои тиббӣ, дотсент Зарипов Акбар Раҳмонович, номзади илмҳои тиббӣ Абдураҳмонов Абдуғафор Зоирович ва доктори илмҳои тиббӣ, профессор Пулатова Барно Журахоновна баромад карданд.

Сухани хотимавии довталаби дараҷаи илмӣ Аминов Р.С. шунида шуд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъйин гардид ва дар ҳайати он 3 аъзо: д.и.т., Султанов М.Ш. (раис), д.и.т. Азимов Г.Ҷ. ва н.и.т., дотсент Зарипов А.Р. (аъзо интихоб гардиданд).

Аз 15 нафар аъзои Шуро 13 нафар ҳузур доштанд ва аз онҳо 3 нафар доктори илм аз рӯйи ихтиссоси диссертатсияи баррасишаванда буданд.
Натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ: тарафдор 13, муқобил нест, бетараф нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

Аъзи Шуро тариқи овоздиҳии ошкоро суратҷаласаи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори Шурои диссертатсионӣ дар бораи ба Аминов Рустамҷон Сафарович додани дараҷаии илмии номзади илмҳои тиббӣ қабул гардид.

**ҚАРОРИ**

**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-053 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» аз 25 сентябри соли 2024.**

Бо шунидани маърузаи рисолаи Аминов Рустамҷон Сафарович дар мавзӯи: "Паҳншавӣ ва омилҳои таъсиррасонанда ба пайдоиши нуқсонҳои модарзодии минтақаҳои ҷоғу руй дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 14.01.14 – Стоматология; тақризи роҳбари илмӣ; тақризи муассисаи пешбар Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи илмию клиникии стоматология ва ҷарроҳии ҷоғу рӯй», тақризҳои муқарризони расмӣ - д.и.т., дотсент Муллоджонов Ғ.Э. ва н.и.т. - Одинаев И.И., тақризҳои ба автореферати диссертатсия ва баромади муқарризони ғайрирасмӣ д.и.т, дотсент Мирзоев М.Ш., н.и.т., дотсент Юсупов З.Я., н.и.т., дотсент Зарипов А.Р., н.и.т. Абдураҳмонов А.З. ва д.и.т., профессор Пулатова Б.Ж.-ро шунида, муҳокима карда, Шурои диссертатсионии 6D.КОА-053 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ

ибни Сино» дар асоси овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навгонӣ ва натиҷаҳои ба даст овардаи Аминов Рустамҷон Сафарович.

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Кори диссертатсионии Аминов Рустамҷон Сафарович дар мавзӯи “Паҳншавӣ ва омилҳои таъсиррасонанда ба пайдоиши нуқсонҳои модарзодии минтақаҳои ҷоғу руй дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 14.01.14 – Стоматология ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ баррасӣ карда шуда, ба талаботҳои банди 3 ф. 31, 33, 34 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 (бо ворид намудани тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295), ки ба диссертатсияи номзадӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ, пешбини шудааст, мутобиқат мекунад.
2. Автореферат ва интишорот муҳтавои рисоларо ба дараҷаи кофӣ инъикос мекунад.
3. Ба Аминов Рустамҷон Сафарович дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 14.01.14 – Стоматология дода шавад.
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати тасдиқ намудани қарори мазкури Шурои диссертатсионӣ дархост карда шавад.

Бабаев А.Б. – раиси Шурои диссертатсионӣ довталабро табрик намуда, ба роҳбари илмӣ, муқарризони расмӣ ва ғайрирасмӣ барои кумакашон дар кори Шурои диссертатсионӣ изҳори сипос намуд.

имзои/подпись
Бабаев А.Б.
Ҳасанов Ф.Ҷ.
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РРК/
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**д.и.т., профессор** **Бабаев А.Б.**

**Котиби илмии**
**Шурои диссертатсионӣ**
**н.и.т., дотсент** **Ҳасанов Ф.Ҷ.**
**25.09.2024 с.**